# ТАВЗЕҲНОМА

ба лоиҳаи Дастурамали №____
дар бораи талаботи ҳадди ақал барои баррасии шикоятҳо аз ҷониби таҳвилгарони хизматрасониҳои молиявӣ ва талабот ба ҳисоботдиҳӣ оид ба шикоятҳо

Лоиҳаи Дастурамали мазкур баҳри иҷрои бандҳои Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026 таҳия карда шудааст.

Заминаи меъёрии ҳуқуқии лоиҳаи Дастурамали мазкурро бандҳои 59 ва 60 Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314 тасдиқ гардидааст, ташкил медиҳанд.

Бонки миллии Тоҷикистон барои танзим ва назорати фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва ташкилотҳои суғуртавӣ (минбаъд - таҳвилгарони хизматрасониҳои молиявӣ) масъул аст, вале тибқи қонунгузории амалкунанда дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми молиявӣ барои таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон бевосита масъулият ба зимма надорад.

Сарфи назар аз он ки қонунгузории соҳаи бонкии кишвар меъёрҳои ҳуқуқиро вобаста ба танзими муносибатҳои байни таҳвилгарони хизматрасониҳои молиявӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар бар мегирад, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мушаххас вобаста ба муқаррар намудани талаботи ҳадди ақал ва қоидаҳои ягонаи асосии раванду механизми баррасии арзу шикоятҳо ва пешбурди боэътимоди омори шикоятҳои воридшуда танзим нашудаанд.

Бонки миллии Тоҷикистон ҳамчун мақоми танзим ва назорати таҳвилгарони хизматрасониҳои молиявӣ бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми молиявӣ, баланд бардоштани сатҳи миёнаравии молиявӣ ва таҳкими боварии аҳолӣ ба фаъолияти таҳвилгарони хизматрасониҳои молиявӣ санади меъёрии ҳуқуқии мазкурро таҳия намуда, ҳамзамон дар он талаботи пешгирии камбудиҳоро муқаррар карда, барои ба тартиб даровардани раванди баррасии шикоятҳо аз ҷониби шахсони масъули таҳвилгарони хизматрасониҳои молиявӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.

Дар заминаи Дастурамали мазкур тартиби баррасии шикоятҳо дар сомонаи интернетӣ, дар маҳалҳои хизматрасонӣ ва ҷойҳои намоён, аз ҷониби таҳвилгарони хизматрасониҳои молиявӣ, таъмини фаъолияти муттасилро оид

ба қабул ва баррасии шикоятҳо, таҳлил ва идоракунии хавфҳо, дурустии ҳисобот ва раванди корбарии “Қутии шикоятҳо” таъмин менамояд.

Дастурамали мазкур бо назардошти таклифу пешниҳодҳои воҳидҳои сохтории масъули Бонки миллии Тоҷикистон таҳия гардида, дар он қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҷрибаи пешқадами ҷаҳонӣ дар самти ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми молиявӣ ба назар гирифта шудааст.

Қабули Дастурамали мазкур аз буҷети давлатӣ хароҷоти иловагиро талаб намекунад ва дар сурати қабул гардидани он шароити мусоид барои ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои низоми молиявӣ фароҳам оварда шуда, сатҳи миёнаравии молиявӣ баланд бардошта мешавад ва таҳкими боварии аҳолӣ ба фаъолияти таҳвилгарони хизматрасониҳои молиявӣ афзун мегардад.

Муовини раис Назирӣ Г. Н.